**Тақриз**

**ба фишурдаи диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи "Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ" (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Аз муҳтавои фишурдаи диссертатсия ба мушоҳида мерасад, ки унвонҷӯ ба яке аз масъалаҳои муҳимми рӯз, яъне истилоҳоти англисию тоҷикии марбут ба интернет, ки ҷомеаи мо имрӯз беш аз пеш ба он ниёз дорад, таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар робита ба сохтор ва маънои истилоҳоти марбут ба интернет таҳқиқи ҷолиб ва қобили мулоҳиза анҷом додааст.

Навгонии илмии таҳқиқ пеш аз ҳама дар он ба назар мерасад, ки дар таҳқиқи мавриди назар бори нахуст ҷанбаҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти марбут ба интернет дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ ва баррасии муфассал қарор гирифта, баъзе аз вижагиҳои сохтор ва маънои онҳо мушаххас карда шудааст. Илова бар ин, дар диссертатсия бори аввал истилоҳоти марбут ба интернет дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ба категорияҳои касбию соҳавӣ ва мавзуию маъноӣ тасниф карда шудаанд.

Аҳаммияти назарии таҳқиқи анҷомёфта дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсияи мавриди назар бо таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои назарӣ метавонад барои муқоисаи истилоҳоти технологияи иттилоотии минбаъда ба сифати заминаи муътамад хизмат намояд.

Ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқ имкон дорад барои як қатор масъалаҳои забоншиносӣ, бахусус забошиносии муқоисавӣ, истилоҳшиносӣ, забоншиносии компютерӣ, махсусан истилоҳоти марбут ба интернет ва технологияи иттилоотӣ ҳамчун заминаи илмию назарӣ муаррифӣ гардида, баҳри таҳқиқоти минбаъдаи истилоҳоти гуногуни риштаҳои марбут ба технологияи иттилоотӣ ба сифати манбаи илмӣ истифода шавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳангоми таълифи луғату истилоҳномаҳо, китобҳои илмӣ ва дастурҳои таълим, ҳамчунин дар раванди таълим дар мактабҳои олӣ ҳангоми баргузории лексия, семинар ва курсҳои махсус мавриди истифода қарор бигиранд.

Аз фишурда бармеояд, ки диссертатсия аз муқаддима, се боби ба ҳам алоқаманд, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад. Дар фишурда ҳамчунин дар чор банд тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо оварда шудааст, ки мантиқӣ ба назар мерасанд.

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас дар фишурда баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, киислоҳи онҳо дар фаъолияти минбаъдаи илмии унвонҷӯ ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Ба назари мо, фурсати он фаро расидааст, ки ҳангоми корбасти истилоҳоти забоншиносӣ аз истилоҳоти тоҷикӣ истифодаи комил ба амал ояд. Масалан, ба ҷойи суффикс – пасванд, префикс – пешванд, аффиксатсия – вандафзоӣ (с.15).

2. Калимаи "ташаккул" исми амал аст, ки ниёз ба афзудани "ёбӣ" надорад (с.15).

Эродҳои мазкур ба ҳеч ваҷҳ моҳияти илмии фишурда ва диссертатсияи илмиро кам намекунанд, зеро зудислоҳпазиранд.

Аз фишурдаи диссертатсия метавон чунин натиҷа гирифт, ки диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи "Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ" (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) кори анҷомёфтаи илмӣ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.

Сарходими илмии
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ,
доктори илми филология Султон Ҳасан Баротзода
«04» 09 с. 2023.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
(+992) 37227-29-07, 221-70-30
E-mail: iza_rudaki17@mail.ru
Тел: 93-526-98-05

Имзои Султон Ҳ.Б.-ро тасдиқ мекунам:
нозири шуъбаи кадри Институти
забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Х. Нарзиқулова

ШУЪБАИ КАДРҲО